## Тақризи

**оппоненти расмӣ Азизова Мастона Ҳамидовна ба диссертатсияи Парвоева Нурҷаҳон Зармастовна дар мавзуи «Хусусиятҳои миллӣ-фарҳангии зарбулмасалу мақолҳои забони вахонӣ дар муқоиса бо забони англисӣ» (таҳқиқоти забоншиносии фарҳангӣ ва қавмӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ).**

Зарбулмасалу мақолҳо аз таҷрибаи зиндагии зиёда аз ҳазорсолаи башар, рӯзгори гуногунранги инсоният ба вуҷуд омада, намунаи ҷолиби фарҳангу зиндагии мардумони оламанд. Дар офаридани онҳо ҳамаи табақаҳои ҷамъият ширкат варзида, онҳо барои ифодаи афкори пуртаҷрибаи халқ хидмат мекунанд. Зарбулмасалу мақолҳо ифодакунандаи мафкура, савия ва ҷаҳонбинии мардум мебошанд.

Инсоният ҳамеша мансубияти худро ба миллати муайян эҳсос мекунад ва арзишҳою меъёрҳои муносибати худро ба ҷаҳон тавассути забони модарӣ нишон медиҳад. Муҳимияти таҳқиқотро омӯзиш ва таҳқиқи муқоисавии хусусиятҳои миллию фарҳангии зарбулмасалу мақолҳо дар забонҳои вахонӣ ва англисӣ низ аз нуқтаи назари забоншиносии фарҳангӣ ва қавмӣ ташкил медиҳад.

Таҳқиқоти диссертатсионии тақризшавандаи Парвоева Нурҷаҳон Зармастовна ба таҳлили муқоисавии сохторӣ, семантикӣ ва хусусиятҳои фарққунандаи зарбулмасалу мақолҳо дар забонҳои вахонӣ ва англисӣ бахшида шудааст.

Бояд қайд намуд, ки аксарияти масъалаҳои асосии омӯзиши забонии зарбулмасалу мақолҳо ба пажӯҳиши амиқе ниёз доранд. Хусусан, дар мавриди муқоиса намудани онҳо аз нигоҳи этнолингвистӣ ва забоншиносии фарҳангӣ зарурати таҳқиқоти илмӣ эҳсос мешавад. Маҳз ҳамин масъалаҳо мубрамӣ ва воқеияти таҳқиқоти мазкурро ба миён овардааст.

Муаллифи диссертатсия пеши худ мақсад гузоштааст, ки хусусиятҳои миллию фарҳангии зарбулмасалу мақолҳои забони вахонӣ дар муқоиса бо забони англисӣ, тавсиф ва ошкор намудани нишонаҳои умумӣ ва мухталифи типологии зарбулмасалу мақолҳо дар забонҳои гуногунсохторро муайян созад.

Инчунин қайд кардан зарур аст, ки ба асоси методологии диссертатсия таҳқиқотҳои бунёдии олимони шинохта ба монанди Н. Масумӣ, Р. Ғаффоров, Б. Камолиддинов, Ҳ. Ҳусейнов, М. Фозилов ва инчунин таҳқиқотҳои муқоисавии асарҳои илмии Ф.М. Турсунов, О. Ш. Иқболов, Ш. А Норов ва Юнусӣ Аҳтамшо, дар забонҳои бадахшонӣ, хусусан забони шуғнонӣ бошад, аз ҷониби С. Алихонова хизмат намудаанд, ки хулосаҳои назариявӣ ва амалии корро тақвият медиҳад.

Навгонии илмии таҳқиқот пеш аз ҳама дар пажӯҳиши махсуси муқоисавии хусусиятҳои миллию фарҳангии зарбулмасалу мақолҳо дар забонҳои гуногуннизом ба як оилаи забонҳо – забони вахонӣ ва забони англисӣ аст. Муаллифи диссертатсия умумият ва фарқияти зарбулмасалу мақолҳои забонҳои аз ҳам дурро, яъне забони вахонӣ ва англисиро аз нуқтаи назари забоншиносии фарҳангӣ ва забоншиносии қавмӣ муайян кардааст.

Диссертатсия аз номгӯи ихтисораҳо, муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, 3 боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва феҳристи адабиёт иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия аз 153 саҳифаи ҳуруфи компютерӣ иборат мебошад.

Дар муқаддима диссертант мубрамияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиши он, навгонии илмӣ ва арзиши амалии корро асоснок кардааст. Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқотро муайян сохта, муаллиф заминаи сарчашмаро тавсиф намуда, аҳамияти илмӣ, назариявӣ ва амалии таҳқиқотро муайян кардааст.

Дар боби аввал асосҳои назариявии таҳқиқоти муқоисавии зарбулмасалу мақолҳо дар илми забоншиносӣ зери омӯзиш қарор дошта,

таҳлил карда мешаванд. Муаллиф зарбулмасалу мақолҳоро ҳамчун мавзуи асосии таҳқиқоти забоншиносии фарҳангӣ ва қавмӣ тасвир медиҳад. Зарбулмасалу мақолҳо ифодакунандаи мафкура, савия ва ҷаҳонбинии мардум мебошанд. Дар офаридани онҳо ҳамаи табақаҳои ҷамъият ширкат варзида онҳо метавонанд барои ифодаи афкори пуртаҷрибаи халқ хидмат кунанд. Бо назардошти маводи амалӣ муаллиф қайд мекунад, ки забоншиносии фарҳангӣ ҳамчун илми нисбатан ҷавон дар буриши як қатор илмҳои омехта ба вуҷуд омадааст ва забону фарҳанг ва шахсияти инсонро дар муносибати байниҳамдигарии онҳо аз дидгоҳи худ меомӯзад. Ба ақидаи муаллифи диссертатсия аз ин тасаввурот соҳае дар илми забоншиносӣ бо номи этнолингвистика ба вуҷуд омадааст. Дар ин боб инчунин сухан дар бораи таҳлили муқоисавии зарбулмасалҳо дар забонҳои сохторашон гуногун сухан меравад, ки ифодакунандаи мафкураи ягона ва гуногун мебошанд. Ба ақидаи диссертант роҷеъ ба тафовути зарбулмасалу мақолҳо дар таҳқиқоти забоншиносӣ назарияҳои мухталиф мавҷуданд, аз ин рӯ, ӯ пеш аз ҳама ба ҳамин масъала таваҷҷуҳ намудааст. Зарбулмасал ва мақолҳо жанри қадимаи эҷодиёти мардумӣ мебошанд. Вақту замони пайдоиши нахустин мақолҳо маълум нест, аммо аз ҳамон даврон то ин ҷониб дар тӯли таърих арзи ҳастӣ доранд. Дар раванди таҳқиқоти таҳлилӣ, муаллиф шумораи зиёди сарчашмаҳое, ки ба зарбулмасалу мақолҳо вобастагӣ доранд, истифода бурдааст. Дар забоншиносии англисӣ коркарди илмии масъалаи идиоматика танҳо бо қайдҳои мухтасар маҳдуд мешавад, ки дар пешгуфтори баъзе луғатҳо, фразеологизмҳо ва дастурҳои амалӣ оид ба забон гуфта шудаанд. Зарбулмасалу мақолҳои халқҳои низомашон гуногун дар шароитои гуногуни таърихӣ эҷод гардиданд. Онҳо барои хуб фаҳмидани хислатҳои миллии забонашон гуногун, шавқу рағбат, муносибат ба вазъиятҳои гуногуни зиндагӣ ва анъанаҳои онҳо кӯмак мекунанд.

Зарбулмасалу мақолҳо дар забони вахонӣ ҷойгоҳи махсуси худро дорад. Ба ақидаи диссертант, тавассути онҳо ба зисту зиндагӣ ва урфу одати вахонизабон дар гузашта ошноӣ пайдо кардан мумкин аст.

Боби дуюм “Вижагиҳои маънои зарбулмасалу мақолҳои забони вахонӣ дар муқоиса бо забони англисӣ” ном гирифта, он аз шаш зербоб иборат аст. Зербоби якум ба арзишҳои ахлоқии мардумони забонҳояшон муқоисашаванда дар зарбулмасалу мақолҳо бахшида шудааст. Ҳангоми омӯзиши ин масъала бештар ба таҳлили забоншиносии фарҳангии зарбулмасалу мақолҳои мардумони забонҳояшон муқоисашаванда, инчунин, дар бораи худи соҳибзабонон маълумот оварда шудааст. Диссертант дар раванди таҳлилҳо далелҳои бисёрро мисол овардааст. Мисолҳо монандӣ ва тафовутҳои мазмуну баёни зарбулмасалу мақолҳоро нишон медиҳанд. Маълум гардидааст, ки дар забонҳои вахониву англисӣ зарбулмасалу мақолҳои ифодакунандаи эҳсосоти ваҳму ҳарос ва марг назар ба хусусияту хислатҳои умумӣ бештар хусусиятҳои хосро доро мебошанд. Дар баъзе мисолҳо эҳсосоти ваҳм, асосан, таъсири мувозӣ дар забони вахонӣ ифода ёфтаанд, ки бедорфикрӣ ва ҷасорати мардуму боварии халқ, эътиқод ба Худованд, боварӣ ба комёбиро дорост – **tər Xədoyjon pudьm tav bьnətk – туро дар пеши пойи Худо партофтам.** Ба гумони муаллиф эҳтиёткорӣ барои вахониён ва англисҳо ин сифати муҳимми хислат асту ҳар ду бештар ба эҳтиёткор будан майл доранд. Ҳатто дар оромии бештар низ бояд эҳтиёткор буд ва аз шахсони оромтабиат низ эҳтиёт бояд шуд.

Боби сеюм ба мавзуи хусусиятҳои семантикии зарбулмасалу мақолҳо бо унсурҳои зоонимӣ ва соматикӣ дар забонҳои муқоисашаванда мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Зарбулмасалу мақолҳои хусусиятҳои маҷозии зооморфизм ва таркибу ибораҳои ҷузъи ҳайвонотдошта дар забонҳои муқоисашаванда таносуби рафтору феъли ҳайвонотро бо инсон муайян мекунанд. Муаллиф ба он далел рӯй овардааст, ки дар забони кулли миллатҳо чунин қисмҳои бадан ба

монанди сар, пой, чашм, гӯш ва ғайра номи ҷудогонаи худро доранд. Бинобар ин соматизмҳо дар худ мафҳуму муносибатҳоеро нишон медиҳанд, ки бе онҳо ибрози андеша ва нутқи инсон мушкил аст. Дар диссертатсияи мазкур ҳар як ҷузъи бадан дар алоҳидагӣ ҳангоми истифода дар зарбулмасалу мақолҳои вахониву англисӣ дида баромада шудааст.

Дар хулоса муаллиф дар ҳамаи самтҳои таҳқиқот ба таври кофӣ муфассал ва равшан натиҷабардорӣ кардааст.

Арзиши назариявии кор бо таҳлил ва баёни назариявии хусусиятҳои умумӣ ва ба худ хоси қолабҳои сохторӣ–маъноӣ, муқоисавӣ ва инъикосшавандаи зарбулмасалу мақолҳо дар забонҳои вахонӣ ва англисӣ алоқаманд мебошад. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳамчун маводи шарҳдиҳанда ва илмӣ ҳангоми хониши курсҳои луғатшиносӣ ва истилоҳшиносӣ, дар тайёр намудани маводи таълимӣ, луғат, таҷрибаомӯзӣ ёрӣ расонанд. Инчунин онҳо барои тарҷумонони забонҳои вахонӣ ва англисии зарбулмасалу мақолҳо манфиатнок буда метавонанд.

Ҳамзамон бояд қайд намуд, ки дар қатори дастовардҳои илмӣ, дар кор баъзе камбудиҳо ба назар мерасанд:

1. Дар диссертатсия муаллиф ба шумораи зиёди номгӯи сарчашмаҳои илмӣ нисбат ба зарбулмасалу мақолҳо ва назарияи забон ишора кардааст, аммо на ҳамавақт дар меъёри зарурӣ фикру мулоҳизаҳои танқидӣ мегузаронад.
2. Дар баъзе ҳолатҳо муаллиф шумораи зиёди маводҳои истинодӣ меорад, беҳтар мешуд агар баъзеи онҳоро хориҷ кунад.
3. Баъзе порчаҳои иқтибосӣ аз забони вахонӣ ба забони англисӣ ё баръакс тарҷума нашудаанд. Ба фикри мо, дар ин гуна кор бояд аз сарчашмаҳои олимони хориҷӣ оиди проблемаи таҳқиқшаванда варианти тарҷумави пешниҳод карда шавад.

4. Диссертант зуд–зуд ба маводи забони вахонӣ такя мекунад, аммо номгӯи диссертатсия пеш аз ҳама ду забони муқоисашавандаро ба назар мегирад.

5. Ба андешаи мо, хуб мешуд, зербобҳои 1.0.–ро бо 1.1, 2.0.–ро бо 2.1, ва 3.0.–ро бо 3.1. якҷо карда шавад.

6. Дар диссертатсия хатогиҳои техникӣ вуҷуд доранд, ки бояд ба назар гирифта шаванд.

Дар умум бояд қайд намуд, ки диссертатсия барои тақиқотҳои оянда дар чорчӯбаи забоншиносии муқоисавӣ имкониятҳои навро пешниҳод мекунад. Дар умум диссертант кори бузург ва душворро ба ҷо овардааст, ва камбудиҳои ишорашуда арзиши илмии таҳқиқотро паст намекунанд.

Дар асоси гуфтаҳои боло метавон гуфт, ки диссертатсияи Парвоева Нурҷаҳон Зармастовна ба тамоми талаботҳои КОА-и Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои пешниҳоди рисолаҳои номзадӣ ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он барои дарёфт намудани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) сазовор мебошад.

Н.и.ф. дотсенти кафедраи
забонҳои хориҷии
факултети дипломатия ва сиёсати
АИД назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон
23–юми августи соли 2022 Азизова М. Ҳ.

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33.
Тел: (+992) 92-888-32-32
e-mail: mastonakhon_12@mail.ru

Имзои Азизова М. Ҳ.-ро
тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва корҳои махсуси Академияи идоракунии
давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Бобозода О.О.